## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба рисолаи номзадии Шарифзода Наргис Достӣ дар мавзуи "Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ)**

Мавзуъ, мундариҷа ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия (аз рӯи самт ва соҳаи фаъолият), 13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ, аз ҷумла ба банди 1 - Назария, методика ва методологияи таҳқиқи масъалаҳои тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ ва банди 11 - Коркарди барномаҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки тарбия ва таълими кӯдакон мувофиқ ба мазмуни фаъолияти педагогӣ мутобиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Масъалаи асосии сиёсати давлатӣ ин беҳбудии сатҳи зиндагӣ, нигоҳдошти саломатӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солими шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Маълуми ҳамагон аст, ки муҳимтарин роҳи саломатии ҷисмониву равонии инсон дар ҳафт соли аввали зиндагии ӯ гузошта мешавад. Дар ин солҳо ҷисми кӯдак бо суръати фавқулодае рушду такомул меёбад ва системаҳои амалкарди худро месозад. Дар ин ҷо решаҳои шахсият гузошта мешавад, пояҳои шахсият шакл мегирад ва ҳамчунин иртиботи печида бо худу муҳити атроф ба вуқӯъ меояд. Бо дар назар гирифтани матлаби мазкур зарур аст,ки ба инкишофи ҷисмонӣ ва нигоҳдошти саломатии кӯдак таваҷҷуҳи махсус зоҳир карданро аз наздик ҳис кунем ва шаклгирии он саҳмгузор бошем.

Дар марҳилаи имрӯза рушди инсон бидуни бунёди системаи мушаххаси ташаккули саломатии ӯ ғайриимкон аст. Ҳадафи таълиму тарбия рушди инсони ҳаматарафа рушдёфта мебошад. Дар шароити кунунӣ яке аз самти фаъолияти системаи маорифи кишвар ин нигоҳдошти саломатӣ ва тарзи ҳаёти солими насли наврас мебошад.

Тарбияи ҷисмонӣ, нигоҳдошти саломатӣ ва пеш бурдани тарзи ҳаёти солим падидаи нав набуда, аз давраҳои хеле қадим пайдо шудаанд, ки сарчашмаҳои таърихиву педагогӣ бозгӯи он мебошанд.

Таҳқиқотҳои педагогӣ ва равонӣ нишон медиҳанд, ки падару модарон муҳимияти инкишофи ҷисмонӣ ва нигоҳдошти саломатӣ, аҳамияти истеъмоли ғизои солим ва фаъолии ҳаракатии кӯдаконро дар синну соли томактабӣ аз наздик дарк мекунанд. Аз рӯзи таваллуд раванди тарбия ва таълим, инкишофи ҷисмонӣ, равонӣ ва ақлонии кудакон, инчунин ташаккули сифатҳои шахсии онҳо вазифаи муҳимтарини падару модар, мураббия ва дигар мутахассисон (ҳамшираи шафқат, духтури кӯдакона ва равоншинос) ба ҳисоб меравад. Байни падару модарон ва мутахассисон дар бораи мавқеи муассисаҳои томактабӣ дар ташаккули тарзи ҳаёти солим дар кӯдакон ва иштироки воқеии онҳо дар ин раванд ихтилоф вуҷуд дорад. Мутахассисон имкониятҳои оиларо кам баҳо дода, аз таъсири он ба кӯдак пурра истифода намебаранд. Дар бобати ба роҳ мондани ҳамкории самарабахш бо падару модарон, мубодилаи афкор ва кори якҷоя барои ташаккули тарзи ҳаёти солим дар кӯдакон кӯшиши зарурӣ дида намешавад.

Рисолаи илмӣ дар асоси талабот ва нишондодҳои санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳа аз қабили, Стратегияи рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030, Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2020-2025, мавзӯи дурнамои илмии кафедраи педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таҳти унвони «Вазъи муосири низоми муосири таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ва ибтидоӣ ва мутобиқсозии он ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ» таҳқиқ гардидааст.

Дар асоси коркард ва натиҷаи илмии ба дастовардашуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки диссертатсия бо назардошти аҳамияти

замонавӣ доштан гузаронида шуда, ба рушди назария ва амалияи тарбияи томактабӣ дар ҷумҳурӣ мусоидат хоҳад кард.

**Диссертант дар асоси навгониву иҷрои вазифаҳои дар наздаш гузошта муқаррароти зеринро барои дифоъ пешбинӣ кардааст:** Солимии ҷисмонӣ ва рӯҳии кӯдак инкишоф ёфта, маданияти саломатӣ дар маҷмӯъ тавассути татбиқи амсилаи педагогии таҳияшуда, ки роҳу воситаҳои самараноки татбиқи он, риояи қоидаҳои санитарию гигиенӣ, реҷаи ҳаррӯза, таъмини ғизои солим, сайругашт дар ҳавои тоза ва ҷисмониро пешбинӣ менамояд, амалӣ мегардад; чунин муносибат имкон медиҳад, ки дар кӯдакон одатҳои риоя кардани реҷаи рӯз, қоидаҳои санитарию гигиенӣ, фаъолияти ҷисмонӣ, муносибати эмотсионалӣ ба ин ҷанбаҳо ва қобилияти татбиқи онҳо дар фаъолияти ҳаррӯза мавриди донистани малакаҳои асосии ҳаёти солим ва ҳифзи онҳо ташаккул меёбад; дониши касбии мутахассисони муассисаҳои таълимии томактабӣ оид ба ташаккули асосҳои саломатии инсон ва тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони 5-7 сола мавриди азхуд кардани малакаҳои ташкили чорабиниҳои амалии солимгардонӣ бо кӯдакон ва волидон, расонидани кӯмаки равонию педагогӣ ба онҳо такмил меёбад; маҳорати касбии мустақилона кор кардани мутахассисон бо технологияҳои пешқадам, навоварӣ, таваҷҷуҳ кардан ба хусусиятҳои кор бо кӯдакон ва волидон такмил меёбад; шакл ва методҳои ҳамкории самарабахши байни оила ва муассисаи томактабӣ тибқи барномаи кории «Саломатии кӯдакон сарвати миллат» баргузор мегардад, ки он вохӯриҳои падару модарон, кормандони тиб ва равоншиносон, суҳбату машваратҳои гурӯҳӣ ва инфиродӣ, рӯзҳои дарҳои кушодро дар бар мегирад; ба падару модарон дар таваҷҷуҳ ба инкишофи ҷисмонию равонии кӯдак ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушду камолоти хурдсолон кӯмаки методӣ расонида мешавад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда:**

Дараҷаи эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои тадқиқот бо равиши методологӣ ба ҳалли масъала, таҳлил ва истифодаи дастовардҳои илми

психология ва педагогикаи муосир, маҷмӯи усулҳои тадқиқоти илмӣ, ки ба мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ мувофиқанд, таъмин карда мешавад. Инчунин, мавҷудияти маълумотеро, ки аз тағйироти мусбӣ дар ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни томактабӣ дар раванди ҳамкории муассисаҳои таълимии томактабӣ бо оилаҳо шаҳодат медиҳанд, иборат мебошад.

Дар кори диссертатсионии Шарифзода Наргис вазъи ҳозира ва тамоюлҳои инкишофи таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз мавқеи саҳеҳ ва дақиқ кардани таъмини роҳу усулҳои педагогии ҳамкории муассисаи таълимии томактабӣ ва оила дар ташаккули асосҳои саломатӣ ва тарзи ҳаёти солими кӯдакони синни калони томактабӣ коркард шудааст.

Бояд иброз намуд, ки афзалияти давраи томактабӣ дар инкишоф ва нигоҳдошти сатҳи саломатии кӯдакон, ташаккул додани малакаҳои тарзи ҳаёти солими онҳо, инчунин зарурати мунтазами иҷрои машқҳои ҷисмонӣ хеле алоқаманд мебошад.

Муҳаққиқ натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаи худро дар интишороти зиёди расонаҳои соҳавӣ, дар шакли хулосаҳо ва тавсияҳои методӣ омода ва пешниҳод кардааст, ки дурустиву эътимоднокии навгониҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодкардаи муаллифро ба таври равшан исбот месозад.

Муаллифи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқоти худ, ҳадафу вазифаҳо, предмет ва мантиқи таҳқиқотро дар асоси таҳлили манбаҳои гуногуни иттилоотӣ, методӣ, педагогӣ, психологӣ, методологияи илмӣ, истифодаи моҳиронаи методҳои таҳқиқотӣ ва таҷрибаи шахсӣ таҳия ва баррасӣ намудааст, ки арзиши баланди илмӣ ва амалӣ доранд.

Натиҷаҳои дар рафти таҳқиқот ба даст омада дорои ягонагии ба ҳам алоқаманд буда, шароити педагогии мусоидро барои таъмини роҳу усулҳои педагогии ҳамкории муассисаи таълимии томактабӣ ва

оила дар ташаккули асосҳои саломатӣ ва тарзи ҳаёти солими кӯдакони синни калони томактабӣ таъмин менамояд.

Дар муқаддимаи диссертатсия муҳиммияти мавзӯи таҳқиқшаванда собит карда шуда, доир ба маводи таҳқиқ ва аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия, навгониҳои илмии диссертатсия, равиши таҳқиқи мавзӯъ, манобеи пажӯҳиш ва сатҳи эътимоднокӣ ва коркарди мавзӯъ маълумоти мушаххас оварда шудааст

Пас аз овардани муқаддима масъалаҳои назариявиву амалии марбут ба кори таҳқиқотӣ дар ду боб ва зерфаслҳои алоҳида тақсим шуда, таҳлилу баррасӣ гардидаанд.

Боби якуми рисола "**Асосҳои назариявии ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ**" номгузорӣ шудааст. Аз таҳлили муҳтавои боби якум бармеояд,ки дар он хусусиятҳои муҳимми баҳодиҳии ташакули кӯдакони синну соли томактабӣ ба асос гирифта шудааст. Муаллифи рисола таъкид менамояд,ки кормандони муассисаҳои томактабиро (педагог ва мураббия) зарур аст,ки ба ташакули кӯдакони синну соли томактабӣ ва нигоҳубини онҳо дар мавриди ҳар як лаҳзаи муайяни фаъолияти ҳаётӣ эътибори хоса дода, мувофиқан дар амал истифода барад.

Дар идома диссертант иброз медорад, ки яке аз қисмҳои таркибии тарбияи ҷисмонӣ ин саривақт ташаккул додани як қатор малакаҳои маданӣ-гигиенӣ мебошад. Мавҷуд будани одатҳои тоза нигоҳ доштани либос, дастро пеш аз хӯрокхӯрӣ шустан ва гайраҳо барои пешгирӣ намудан ва бартарафшавии бемориҳо ёрӣ мерасонанд. Таъмин намудани саломатӣ ва муътадил инкишоф додани ҷисми кӯдакони хурдсол, инчунин инкишофи дурусти фаъолияти психикию равонии онҳо пеш аз ҳама вазифаи асосии оила ва баъдан муассисаҳои томактабӣ ба ҳисоб меравад.

Мураттабсозии системаи ташаккули саломатии кӯдакон бо истифода аз усул ва технологияҳои тарбиявии аз ҷиҳати нигоҳдошти

саломатӣ муҳофизаткунанда дар ҳамоҳангсозии фаъолияти мураббиён ва падару модар мубрам ҳисобида мешавад.

Дисертант таъкид менамояд, ки системаи инноватсионии ташаккули саломатӣ, қобилият, шавқу рағбат ва дурнамои рушд, ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми мутахассисони кӯдакистон интихоб гардида, афзалият ба метод ва усулҳои босамари таълим дода мешавад.

Боби дуюми пажӯҳиш **"Корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ"** ном дошта, Шарифзода Н.Д. дар бахшҳои алоҳидаи он перомуни масоиле чун: ҷамъбаст ва таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти озмоишӣ-таҷрибавӣ; технологияи педагогии ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ, ҳамчунин ташхиси муайнкунандаи ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни 5-7 соларо ба риштаи таҳлил кашидааст.

Шарифзода Наргис Достӣ дар ин росто иброз намудааст, ки ҳифз ва таҳкими саломатӣ, ташаккул додани одатҳои тарзи ҳаёти солим вазифаи аввалиндараҷаи мутахассисони муассисаҳои таълимии томактабӣ мебошад, ки барои ҳифзи саломатии кӯдакон чорабиниҳои гуногун, маҷмӯи чорабиниҳои тарбиявӣ, солимгардонӣ ва табобатӣ, тадбирҳои пешгирикунанда ташкил мегарданд. Аз ҷониби дигар хусусиятҳои алоҳидаи рафтори кӯдак дар фаъолияти ӯ зоҳир мегардад. Аз ҷумла, аз фаъолияти системаи асаб хислатҳои серҳаракатӣ ё оромтабиат будан, донистагирӣ (саволдиҳӣ, кунҷкобӣ, мушоҳидачигӣ), бозикунӣ (ташкилотчӣ ва пешбар будан), меҳнат карда тавонистан (мустақилонокӣ, меҳнатдӯстӣ), фаъолияти мусаввирӣ (бо истифодаи тобишҳои рангҳо тасвир намудани ашёҳо, ҳодисаҳои табиат) ва ғайраҳо муайян карда мешаванд. Дар раванди кори таълиму тарбиявӣ бояд ҳамаи онҳо ба ҳисоб гирифта шаванд.

Дар ҳама гуна бозиҳо ҷузъҳои ҷисмонӣ ва рӯҳӣ бо ҳам зич алоқамананданд: кӯдакон на танҳо малакаҳои асосии ҳаракатиро такмил медиҳанд, зарурати ҳаракатҳои фаъолро дарк мекунанд, қувваи

ҷамъшударо сарф мекунанд ва аз як тараф мустақилият, суботкорӣ, ташаббусро омӯзанд ва аз ҷониби дигар ҳамчунин қобилияти идора кардани худ ва ҳамфикр будан бо даста, ҳамоҳанг кардани амалҳои худ бо амалҳои аъзоёни гурӯҳ низ дар онҳо ташаккул меёбад.

Дар асоси маводи эмпирикӣ ва назариявӣ кори таҷрибавӣ-озмоишӣ дар заминаи муассисаҳои таълимии томактабии №45, 44, 67-и шаҳри Душанбе, муассисаҳои таълимии томактабии №1,8-и шаҳри Ваҳдат, муассисаҳои таълимии томактабии хусусии «Панда», «Асри ХХ1» гузаронида шудааст. Дар марҳилаи озмоишӣ-ташхисии таҳқиқот 120 нафар кӯдакони 5-6 сола, 70 нафар волидайн, 28 нафар мураббиён, 6 нафари онҳо ба сифати коршинос, 12 нафар методисти муассисаҳои томактабии мазкур фаро гирифта шудаанд. Дар марҳилаи озмоиши ташаккулдиҳанда – 50 нафар кӯдакони синни томактабӣ, волидони онҳо ва мураббиёни гурӯҳҳои таҷрибавӣ иштирок намудаанд.

Боиси тазаккур аст, ки аз ҷониби муаллифи рисола озмоишу санҷиши самаранокии шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ амалӣ гардидааст.

Хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои диссертант мантиқан аз муҳтавои умумии рисола бармеояд. Автореферат мундариҷаи умумии диссертатсияро инъикос мекунад.

Саҳми шахсии муаллиф бошад, аз муайян намудани нишондиҳандаҳои ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни 5-7 сола, ташкили корҳои таҷрибавӣ оид ба санҷиши самаранокии шароити педагогии ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни томактабӣ, ҷорӣ намудани амсилаи педагогӣ дар амалияи муассисаҳои таълимии томактабии пойгоҳӣ иборат мебошад. Ҳамчунин муҳаққиқ барномаи «Саломатии кӯдакон - боигарии миллат»-ро таҳия ва санҷидааст, ки ба ташаккули талаботи кӯдак ба тарзи ҳаёти солим дар ҳамкорӣ бо оила нигаронида шудааст. Он чорабиниҳои гуногун, бозиҳо, машқҳо ва вазифаҳои амалии

гуногунро дар бар мегирад, ки ба ташаккули одатҳо ва малакаҳои солим дар кӯдакон, инчунин ба волидон маълумот оид ба тарзи нигоҳ доштани асосҳои тарзи ҳаёти солим нигаронида шудаанд.

Натиҷаҳои илмии  дар рафти таҳқиқот ба даст овардашудаи диссертант, дар 14 мақола, аз ҷумла панҷ мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маорифи Федератсияи Россия ва маводи конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ аз чоп баромадаанд.

Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, асоснокии натиҷаҳои асосӣ, хулоса, муқаррароти таҳқиқоти озмоишӣ ва тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба микдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалу диаграммаҳо таъмин шудааст.

Кори диссертатсионӣ бо забони фаҳмои тоҷикӣ, тибқи муқаррароти Дастурамал, босаводона навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, пайдарҳамии мантиқӣ ва мутасилии он ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Масъалаҳои баррасишаванда ба таври равшану возеҳ оид ба ҳар як боби диссертатсия дар алоҳидагӣ ва  дар умум хулоса карда шудааст.

**Эрод ба таҳқиқоти диссертатсионӣ:**

Бо вуҷуди муваффакиятҳо ва дастовардҳои илмию амалие, ки дар боло зикр шудаанд, кори диссертатсия аз камбудиҳо холӣ нест.Ба назари мо  пешниҳоди ин камбудиҳо барои такмили минбаъдаи мухтавои диссертатсия кумаки амалии худро мерасонад,аз ҷумла:

1. Дар кори диссертатсионӣ оиди сифатҳои касбии мураббиёни муассисаҳои томактабӣ дар бобати ташкили тарзи ҳаёти солим дар шароити ин муассисаҳо андешаҳо  равшантар  ҷой дода мешуд, мухтавои кори илмиро дар сатҳи баланд муаррифӣ менамуд.

2. Агар муҳаққиқ «Барномаи миллии ташаккули тарзи ҳаёти солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» ва «Барномаи миллии ташаккули тарзи ҳаёти солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026»-ро дар рисолаи илмӣ васеътар мавриди таҳлил қарор дода, нигоҳдории солимии ҷисмонӣ ва таъмини некӯаҳволиро дар раванди афзоиш ва инкишофи кӯдакон тибқи талаботи барномаи мазкур мукаммалтар амалӣ мекард, ба мақсади гузоштааш бештар ноил мегардид.
3. Усули навишти номи муаллифони осор ва танзими феҳристи адабиёти рисола таҷдиди назар мехоҳад. Риояи талаботи таҳияи феҳрастҳо барои такмили ҷанбаҳои илмии рисола мусоидат хоҳад намуд.
4. Иштибоҳоти техникии саҳифаҳои 26, 31,44,47,56,59,61,113,119,132, ба эътибор гирифта мешуд, арзиши илмии рисолаи мазкурро дучанд боло мебурд.

Ин нуктаҳо танҳо пешниҳод буда, ҳаргиз арзиши назарӣ ва амалии рисолаи мавриди назарро кам намесозанд.

Ҳамин тавр, довталаб ба мақсадҳои дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда ноил шуда, вазифаҳои илмии таҳқиқотро ба пуррагӣ ҳаллу фасл кардааст ва фарзияи таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст.

Бинобар ин, диссертатсияи номзадии Шарифзода Наргис Достӣ “Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ” кори илмии баанҷомрасида буда, ба талаботе, ки КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст, ҷавобгӯ мебошад. Фишурдаи рисола ва силсилаи мақолоте, ки унвонҷӯ перомуни мавзуъ дар маҷаллаҳои илмии тайиднамудаи КОА чоп кардааст, муҳтавои диссертатсияро инъикос намудаанд.

Диссертатсияи Шарифзода Наргис Достӣ кори мустақилона ва илмию тахассусӣ буда, ҳалли масъалаи мубрами барои илм ва амалияи соҳаи педагогикаи томактабӣ муҳимро дар бар мегирад ва барои

дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) пешниҳод гардидааст, ба талаботи Низомнома оид ба Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 ва бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) мебошад.

Муқарризи расмӣ, доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва
касбии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба
номи академик Бобоҷон Ғафуров" Сабурӣ Хайрулло Мирзозода

02.12.2024

Маълумот барои тамос:
шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбекова 1; тел.992928477607
почтаи электронӣ: saburov.67@mail.ru
Имзои Сабурӣ Хайрулло Мирзозодаро тасдиқ менамоям.

Сардори РК ва КМ – и МДТ "Донишгоҳи
давлатии Хуҷанд ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров" Ҳусейнова З.С.